# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" тибқи нақшаи баргузории чорабиниҳои илмии тасдиқшуда тасмим гирифтааст, ки ба муносибати ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми ноябри соли 2021 конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ зери унвони **«Насри замони Истиқлол: таҳаввули мавзӯъ ва жанр»** доир намояд.

Конференсия бо мақсади татбиқи амиқи сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таҳкими ғояҳои давлатдорӣ, пешбурди ҳаёти адабӣ, вусъати ҳофизаи таърихӣ ва худшиносиву худогоҳӣ вобаста ба шинохти масъалаҳои мазмун, мавзӯъ, жанр ва сабку услуби насри муосир баргузор гардида, он ба вусъати омӯзиши масъалаҳои пайвандҳои насри муосир бо насри даврони классикӣ, таҷрибаандӯзии нависандагон аз мактабу доираҳои суханварӣ ва чеҳраҳои машҳури адабиёти ҷаҳонӣ, нақди наср ва баррасии паҳлӯҳои гуногуни осори мансури муосири тоҷик равона шудааст.

Меҳварҳои асли конфронс иборатанд аз:

- заминаҳои такомул ва таҳаввули насри замони Истиқлол;
- хусусиятҳои мухтавоӣ, мазмуну мавзӯъ, сужет, ғоя, таҳаввули ҷинсу жанри насри бадеӣ ва дигар ҷанбаҳои адабии асарҳои мансури бадеӣ;
- пайванди афкори бадеии нависандагон бо насри классикӣ, насри замони шӯравӣ ва муқоисаи дастовардҳои эҷодии носирон дар ин марҳалаи нави таърихӣ;
- таъсири насри бадеии ҷаҳонӣ ба усули нигориш ва сабки баёни адибони тоҷик;
- инъикоси пешрафтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавии ҷомеаи навини Тоҷикистон дар насри замони Истиқлол;
- таҷассуми корномаву ҷоннисориҳои қаҳрамонони халқи тоҷик дар насри замони истиқлол;
- масъалаҳои поэтика ва ҳунари нигориши нависандагони тоҷик;
- забон, шеваҳои баён, усули ҳифзи калимаҳои нодир, вожаҳои ноб, таъбиру ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақол, саноеи шеърӣ дар насри бадеӣ.

Донишварону муҳаққиқон маърӯзаҳои илмиашонро то *28-уми октябри соли 2021* ба кумитаи тадорукоти конфронс ба воситаи суроғаҳои электронӣ дар ҳаҷми то 8 саҳифаи чопӣ ирсол намоянд. Маҷмӯаи суханрониҳои конфронс то замони баргузории он ба нашр мерасад. Забони баргузории ҳамоиш тоҷикӣ ва русӣ мебошад.

**Вижагиҳои** ***танзими мақола:*** Андозаи ҳарф – 14. Фосилаи байни сатрҳо – 1.5. унвони ҳарф (шрифт): Times New Roman Tj. Шакли саҳифа – А4.

***Нишонии кумитаи тадорукот:*** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1 ва хиёбони Исмоили Сомонӣ ___ .

***Нишонаҳои электронӣ:*** zamira_ulmasova@mail.ru, subhonazamzod@mail.ru, somonzod@mail.ru, komron.4422@mail.ru

***Рақамҳои телефонҳои мобилӣ:*** 92-771-44-70; 92-838-95-26, 92-723-47-37.

**Кумитаи тадорукот**